**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод мешавад. – Душанбе, 2023. – 189с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Ҳанӯз аз оғози садаи XXI таваҷҷуҳ ба таҳқиқу омӯзиши истилоҳоти соҳаҳои мухталиф ривоҷ ёфт ва ин ҳам бошад нашр гардидани як зумра рисолаву монографияҳо ба шумор меравад. Агар то ба имрӯз ба сатҳи таҳқиқи истилоҳот назар афканем, соҳаву бахшҳое мавҷуданд, ки калимоту истилоҳоти онҳо қариб ки ба мардум ноошноянд ва ба таҳқиқу пажӯҳиш ниёз доранд. Бахши тарҷумашиносӣ низ аз зумраи он бахшҳо маҳсуб ёфта, моро бо осори илмию фарҳангии гузаштагонамон ошно месозад.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи таърихи инкишофи истилоҳоти тарҷумашиносӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ба шумор меравад. Ҳамин тавр, диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» пажӯҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он паҳлӯҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усули тавсифӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Қобили қайд аст, ки мавзуи диссертатсия мавриди назар ба сархати 9-уми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 («Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025») алоқамандӣ дошта, бо ихтисоси пешниходшуда 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти илмии диссертатсияи** мазкур, ки ба таҳлили сохториву маъноӣ ва этимологии истилоҳоти соҳаи тарҷумашиносӣ дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ анҷом дода шудааст, **мубрам ва эътимоднок** арзёбӣ мегардад, зеро вижагиҳои забонии истилоҳоти тарҷумашиношӣ аз лиҳози муқоисавӣ миёни забонҳои интихобшуда, тафовут ва монандии ин бахши вожагон ҳанӯз дар шакли таҳқиқи диссертатсионӣ ва монографӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Муҳаққиқ ба маврид қайд менамояд, ки «Вобаста ба таҳқиқу омӯзиши истилоҳот ва масоили марбут ба он таҳқиқоти зиёде аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ рӯйи кор омадааст. Аз ҷумла: Г.О. Винокур, А.С. Герда, А.А. Реформатский, Д.С. Лотте, В.П. Даниленко, В. Гринев, Т.Л. Канделаки, Б.Н. Головин, В.М. Лейчик, Л.Л. Нелюбин, А. Суперанская, Г.В. Демидова, инчунин, Ш. Рустамов, С. Назарзода, С. Сулаймонов, Мирзо Хасани Султон, А. Мамадназаров, Ҳ.А. Саидзода (Ҳ.А. Саидов), М.Б. Нағзибекова ва М.М. Мирзоева, С. Ҷоматов, З. М. Мусоямов ва дигарон» (дисс., с. 3-4). Дар идома муҳаққиқи диссертатсия менигорад, ки «Ҳарчанд истилоҳоти соҳаҳои гуногун дар забоншиносии ватаниву хориҷӣ ба гунаи васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошанд ҳам, аммо омӯзиши типологии самти истилохоти тарҷумашиносӣ то андозае аз назарҳо ғоиб мондааст» (диссертатсия, с. 5).

Ҳамин тавр, ҳадафи меҳварии таҳияи диссертатсияи мавриди назар низ маҳз омӯзишу баррасии вижагиҳои сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст истилоҳоти самти тарҷумашиносӣ аз лиҳози муқоисавӣ ва типологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Моделҳои муҳимтарини истилоҳсозӣ ва истилоҳофаринии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда муайян гардида, ба таври муқоисавӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Инчунин, дар кори таҳқиқотии мавриди назар

этимологияи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нахустин бор дар шакли амиқ ва мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар он аз консепсияҳои илмӣ ва назарияву ақидаҳои тарҷумашиносон ва забоншиносони ватаниву хориҷӣ истифода шудаанд. Дар умум, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар саҳеҳияти маълумот, мувофиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти моделҳои таҳқиқ инъикос меёбад.

**Хулоса ва тавсияҳо** дар заминаи таҳлили илмии натиҷаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқ пешкаш гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян гардидааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он инъикос меёбад, ки кори диссертатсионии мазкурро ҳамчун сарчашма ва маъхази муътамад дар раванди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи минбаъдаи истилоҳоти тарҷумашиносӣ метавон самаранок истифода кард. Илова бар ин, барои дар шакли шоиста таҳқиқ намудани вижагиҳои типологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ натиҷаҳои таҳқиқи мазкур метавонанд ба таври бориз хидмат намоянд. Инчунин, хулосаҳое, ки муҳаққиқ дар заминаи таҳлилу омӯзиши худ ноил гардидааст дар курсҳои забоншиносии умумӣ, муқаддимаи забоншиносӣ, луғатнигорӣ, типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, луғатномаву фарҳангҳо метавонанд корбаст шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия** дар 6 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ҷумла 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд. Маврид ба зикр аст, ки мақолаҳои нашргардида мазмуну мухтавои натиҷаҳои диссертатсияро **пурра таҷассум менамоянд**.

Шумораи маводи чопнамудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Бахшҳои асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодвич таҳти унвони «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва замима таркиб ёфта, дар маҷмуъ 189 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Пайдарҳамӣ ва тақсимоти бобҳо, фаслҳову зерфаслҳо бо унвони мавзуъ, мақсаду вазифаҳо ва мазмуну мӯҳтавои диссертатсия мувофиқат менамоянд.

Дар муқаддимаи диссертатсия оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо шеваи наку сухан рафтааст.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «**Заминаҳои назарии омӯзиши истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» унвон дошта, масъалаҳои назариявии истилоҳшиносӣ ва марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти тарҷумашиносиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Фасли якуми боби аввал «Мафҳум ва мазмуни истилоҳ дар забоншиносӣ» ном дошта, дар он диссертант моро ба таҳқиқи масъалаи

истилоҳ аз тарафи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ошно месозад. Муҳаққиқ ҳар таҳқиқотеро, ки то ба имрӯз ба масъалаи истилоҳот дар забони тоҷикӣ ба анҷом расидааст, хеле муфассал баррасӣ карда, фикру андешаҳои худро низ нисбати масъалаи мазкур иброз дошааст ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муҳаққиқ аз таҳқиқоти дар ин самт мавҷудбуда пурра огоҳ аст. Дар баъзе мавридҳо муҳаққиқ ба таҳқиқи масъалаи истилоҳ ва тавофути он аз вожа ё калима даст зада, назару диди забононшиноси маъруфро, амсоли А.Д. Хаютин, Э. Литтре, П. Робер ва дигаронро баррасӣ менамояд.

Яке аз бартариятҳои диссертатсияи мавриди назар аз дигар таҳқиқоти дар бахши истилоҳшиносӣ таълифёфта дар он аст, ки муаллиф дар бештари мавридҳо пас аз таҳлилу баррасии андешаҳои забоншиносон диду назари худро пешниҳод намуда, нишонаҳои асосии истилоҳро баён мекунад. Ин масъала дар фасли дуюм ба таври шоиста таҳлил мегардад.

Фасли сеюм «Мушаххас кардани мафҳуми истилоҳ, системаи истилоҳшиносӣ ва майдони истилоҳ» унвон дорад. Истилоҳ чун воҳиди забонӣ дорои ду рукн мебошад, яке шакл «***form***» ё номгузорӣ «***denomination***» ва дуюм маъно «***sense***» ё мафҳум «***notion or concept***» ва ин ҳарду дар таъриф «***definition***» яъне бо тасвири маъно инъикос меёбанд.

Дар фасли чорум истилоҳоти асосии тарҷумашиносӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Ба андешаи муаллифи диссертатсия «Истилоҳи ***translation – тарҷума*** муҳимтарин унсури майдони истилоҳӣ дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносӣ маҳсуб меёбад» (диссертатсия, с.33).

Фасли панҷуми боби якум «Мавқеи тарҷумашиносӣ ва истилоҳоти марбут ба он дар илми забоншиносӣ» ном дорад. Ба қавли муҳаққиқи мавзуъ «Назарияи забоншиносии тарҷума дар баробари омӯзиши *раванди тарҷума ва натиҷаи он*, инчунин, якчанд масъалаи дигарро дар худ фаро гирифтааст, аз ҷумла *«тарҷумашавӣ – translatability»,*

*«муодилнокӣ – equivalence», «меъёри тарҷума – translation norm »* ва *«сифати тарҷума – translation quality»* (диссертатсия, с. 62).

Боби дуюми кори диссертатсионӣ «**Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» номгузорӣ шуда, дар он истилоҳоти самти тарҷумашиносӣ аз лиҳози сохтор ва маъно мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур муаллиф сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти тарҷумашиносиро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ баррасӣ намуда, аз он сарчашмаҳое ёдовар мешавад, ки дар созмони ин гурӯҳи истилоҳот нақши бориз доранд. Илова бар ин, муаллиф ба сифати сарчашмаи ташшаккули истилоҳоти самти таҳқиқшаванда фарҳангҳои тафсирӣ ва энсиклопедияҳоро ҳамчун маъхаз интихоб намуда, муҳимтарини онҳоро шарҳу баён намудааст.

Таснифи морфологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун объекти таҳқиқи фасли дуюм қарор дода шудааст. Дар фасли мазкур аз ҷумла баён ёфтааст, ки зимни таҳлилу таҳқиқи наздик ба 1000 истилоҳи тарҷумашиносӣ аён гардидааст, ки истилоҳоти соҳа аксаран ба исму сифат мансубанд.

Фасли сеюми ҳамин боб ба таҳқиқу таҳлили роҳҳои муҳимми калимасозии истилоҳоти самти тарҷумашиносии забонҳои таҳқиқшаванда бахшида шудааст. Нахуст муаллиф истилоҳоти мавриди таҳқиқро бар пояи усули вандафзоӣ ё сарфӣ таҳлил мекунад. Пасон, созмони истилоҳот ба воситаи усули калимабандӣ таҳқиқ мегардад. Ҳар як истилоҳро бар мабнои қолибҳои муайян дастабандӣ намуда, бо мисолҳои равшан онҳоро таҳлил менамояд.

Созмони истилоҳоти тарҷумашиносӣ бар мабнои усули ихтисора низ дар ҳамин фасл баррасӣ мешавад.

Сермаъноии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар фасли чоруми боби дуюм таҳқиқ мегардад. Муаллиф дар ин

фасл хусусияти сермаъношавии ҳар як истилоҳро дар асоси сарчашмаҳои мушаххаси луғатнигорӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар фаслҳои панҷуму шашум муродифшавӣ ва мутазодшавии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ баррасӣ мегардад, ки зимни таҳлили мавриди назар тафовут ва монандии истилоҳот дар ҳар ду забон вобаста ба ҳодисаҳои синонимия ва антонимия мушаххасан шарҳу баён ёфтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «**Истилоҳоти иқтибосии тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**» унвон дошта, ҳар як номвожаи ин соҳа мавриди таҳлилу муқоиса қарор мегирад.

Фасли якум «Истилоҳоти тарҷумашиносии баромади асл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ном дорад. Дар фасли мазкур истилоҳоти тарҷумашиносии асл дар забониҳои таҳқиқшаванда маврди таҳлилу таҳқиқ қарор мегиранд ва муаллифи диссертатсияд дар он ошкоро қайд менамояд, ки «Таҳқиқи этимологии истилоҳоти тарҷума дар забони англисӣ ошкор сохт, ки вожаҳои асили англисӣ якҷо бо вожаҳои иқтибосшуда дар масири сохтмони истилоҳоти тарҷумашносии забони англисӣ фаъол мебошанд. Дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносии забони тоҷикӣ низ чанде аз истилоҳоти соҳаро, ки баромади асл доранд, метавон мушоҳида кард. Бояд қайд намуд, ки асосан ин вожаҳо аз забони форсии қадим ва миёна ба забони тоҷикии муосир ба мерос мондаанд» (диссертатсия, с.125).

Фасли дуюм ба таҳлили нақши иқтибосот дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия дар фасли мазкур ва дар 4 зерфасли он мавқеи истилоҳоти иқтибосии тарҷумашиносии забонҳои таҳқиқшавандаро шарҳу баён намудааст.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад

муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

**Дар хулосаи таҳқиқ** диссертант бо шавоҳид ва далелҳои асоснок натиҷаҳои забоншиносии худро оид ба сохтору маъно ва этимологияи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар 15 банд ҷамъбаст кардааст, ки чанде аз бозёфтҳои муҳаққиқ шоистаи таҳсин мебошанд.

**Рӯйхати адабиёти** илмӣ, сарчашмаҳо ва манбаъҳои дигари диссертатсия, ки 215 ададро ташкил медиҳанд, аз дарки амиқи мавзуъ аз ҷониби диссертант ва фарохии дониши илмии ӯ гувоҳӣ медиҳад.

**Тавсияҳои муаллифи диссертатсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ** дар 4 банд пешкаш гардидааст, ки ба омӯзишу таҳқиқи минбаъдаи истилоҳошиносӣ кӯмак менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фаслҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи бандҳои 31 ва 33, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Муаллиф дар диссертатсия иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқ баён менамуд хуб мешуд. Масалан: “...дар мавриди истилоҳоти «borrow (-ing) – иқтибос», «mean(-ing) – маъно», «spoken language – забони гуфторӣ»” ва ғайра (диссертатсия, саҳ. 125-126).

2. Агар муаллиф он истилоҳоте, ки дар диссертатсия ба сифати мисол овардааст, дар охири диссертатсия ҳамчун замима ҳамроҳ менамуд, арзиши кор боз ҳам баландтар мегардид.

3. Муодили тоҷикии баъзе аз истилоҳот дар диссертатсия ҷой дода нашудааст. Масалан: “Яке аз мақолаҳои аввалине, ки ба муайян

кардани фарқияти байни истилоҳоти **translation** ва **interpreting** бахшида шудааст, соли 1981 аз ҷониби Б. Ҳеррис (B. Harris) ба нашр расидааст." (диссертатсия, саҳ. 34). Агар муаллиф истилоҳоти **translation** ва **interpreting**-ро тарҷума мекард, мувофиқи мақсад мебуд.

4. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия (35, 88, 90, 97, 111….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд. Масалан: "...инчунин ҳастанд муродифоте, ки бо роҳи аломатгузорӣ нисбатан дар шакли кӯтоҳ ва сода истифода мешаванд" (диссертатсия, саҳ. 118), ки тарзи дурусти ифодаи он: "Инчунин, муродифоте ҳастанд, ки бо роҳи аломатгузорӣ нисбатан дар шакли кӯтоҳ ва сода истифода мешаванд" аст.

5. Дар матни фишурдаи диссертатсия низ хатоҳои имлоӣ, техникӣ ва китобатӣ низ ҷой доранд.

Дар маҷмуъ, эродҳои ишорашуда арзиши назариву амалӣ ва илмии диссертатсиро коста намегардонанд, балки дар равиши интихобнамудаи таҳқиқ бартарӣ мебахшанд.

Диссертатсия ва автореферати он гузоришу мақолаҳои илмии Алимов Фирдавс Худойдодовичро инъикос менамоянд, ки ин аз лаёқати баланди муҳаққиқ гувоҳӣ медиҳад.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Дар умум, диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муқарризи расмӣ тибқи муқаррароти мавҷуда, махсусан, бандҳои 71 ва 72, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назарияи тарҷума ва
услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Баротзода Файзиддин Камолиддин**

**Нишонӣ:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
**Тел.:** 93 455 50 66
E-mail: fedya_b1984@mail.ru

Имзои Баротзода Ф. К.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ **Мустафозода Абдураҳим**

**Нишонӣ:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
**Тел.:** +992 (37) 224-13-83
**E-mail:** info@tgpu.tj

“22” 01 с. 2024